**Суратҷаласаи № 02**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-010-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ

аз «16» январи соли 2025 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2022, № 27/шд тасдиқгардида 16 нафар. Аз рӯйи ихтисос 5 нафар доктороии илм.

16 январи соли 2025 соати 15:00 дар толори шурои диссертатсионии 6D. КОА-010-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025 ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17) ҷаласаи шурои диссертатсионӣ баргузор гардид.
Вақти анҷоми ҷаласа 16:44.

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи номзадии Ҷамолиддинов Фахриддин Ҷамолиддинович дар мавзуи «Таҳқиқи равандҳои комплексҳосилшавии рений(V) бо N-метил- ва N–этилтиомочевина» аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ (илмҳои химия).

Ахбори ҷонишини раиси шурои диссертатсионӣ, професссор Раҷабзода С.И. шунида шуд.

Диссертатсия дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тибқи нақшаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи химияи физикӣ ва коллоидии факултети химия таҳти қайди рақамҳои давлатии 0116TJ00743 ва 0122TJ1436 иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Давлатшоева Ҷаҳонгул Асанхоновна - номзади илмҳои химия, дотсент, мудири кафедраи химияи физикӣ ва коллоидии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Қурбонов Амиршо Соҳибназарович** - доктори илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи органикӣ ва биологии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

**2. Кабиров Ҷовидон Нурмаҳмадович** - номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи фарматсевтӣ ва заҳршиносии Муассисаи

давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино.

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ.

Ахбори котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.х., дотсент Бекназарова Н.С. дар бораи Ҷамолиддинов Фахриддин Ҷамолиддинович ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда шунида шуд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ҷамолиддинов Ф.Ҷ. бо мухтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод. Ба саволҳои аъзои шуро ҷавоб дод.

Сухан ба роҳбари илмӣ номзади илмҳои химия, дотсент, мудири кафедраи химияи физикӣ ва коллоидии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Давлатшоева Ҷаҳонгул Асанхоновна дода шуд (тақризи роҳбари илмӣ замима мегардад).

Котиби шуро матни пурраи тақризи муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ ва тақризҳои аз берун ба автореферат воридшударо хонд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҷамолиддинов Ф.Ҷ. ба эроду таклифҳои муассисаи пешбар ва мутахассисон, ки дар тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда дарҷ гардидааст, ҷавоб дод.

**Муқарризони расмӣ: Қурбонов Амиршо Соҳибназарович** - доктори илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи органикӣ ва биологии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

**Кабиров Ҷовидон Нурмаҳмадович** - номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи фарматсевтӣ ва заҳршиносии Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино. (Тақризҳо замима мегарданд).

Ба эродҳои муқарризони расмӣ Ҷамолиддинов Ф.Ҷ.ҷавоб дод.

Дар муҳокимаи диссертатсия доктори илмҳои химия, профессор Бандаев С.Г., доктори илмҳои техникӣ, профессор Самиҳов Ш.Р. аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ, доктори илмҳои техникӣ Эшов Б.Б. аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ, доктори илмҳои техникӣ Норова М.Т. аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ ва доктори илмҳои химия, профессор Азизқулова О.А. (тариқи маҷозӣ) баромад карданд.

Сухани хотимавии довталаби дараҷаи илмӣ Ҷамолиддинов Ф.Ҷ. шунида шуд.

Ҷамолиддинов Фахриддин Ҷамолиддинович ба раис ва аъзои шурои диссертатсионӣ ҷиҳати иштирок ва музокираи мавзуи кори диссертатсионӣ изҳори миннатдорӣ намуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 аъзо - д.и.х. Раҳмонов Р.О. (раис), д.и.х., дотсент Мабатқадамзода К.С. (аъзо), д.и.х. Пулатов Э.Х. (аъзо) интихоб гардиданд.

Раҳмонов Р.О. хулосаи комиссияи ҳисобро хонда қайд карданд, ки дар овоздиҳӣ аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар (1-маҷозӣ) ҳузур доранд: аз инҳо 5 нафар доктoрони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар (1-маҷозӣ) иштирок доштанд, аз ҷумла доктoрони илм 5 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишуда.

Овоз доданд: "тарафдор"-16, "муқобил"-нест, "бюллетенҳои беэътибор"-нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро суратҷаласаи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Ҷамолиддинов Фахриддин Ҷамолиддинович додани дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ қабул карда шуд.

Ҷонишини раис: Иҷозат диҳед қарори шурои диссертатсиониро котиби шурои диссертатсионӣ қироат намояд.

# ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-010-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 16 январи соли 2025, № 02 ш. Душанбе**

Маърӯзаи Ҷамолиддинов Фахриддин Ҷамолиддинович дар мавзуи «Таҳқиқи равандҳои комплексҳосилшавии рений(V) бо N-метил- ва N–этилтиомочевина» аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ (илмҳои химия), (роҳбари илмӣ, н.и.х., дотсент Давлатшоева Ҷ.А.), тақризи муассисаи пешбар, баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи органикӣ ва биологии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Қурбонов Амиршо Соҳибназарович, номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи фарматсевтӣ ва заҳршиносии Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино Кабиров Ҷовидон

Нурмаҳмадович, тақризҳо ба автореферати диссертатсия, баромади аъзоёни шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои химия, профессор Бандаев С.Г., доктори илмҳои техникӣ, профессор Самиҳов Ш.Р. аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ, доктори илмҳои техникӣ Эшов Б.Б. аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ, доктори илмҳои техникӣ Норова М.Т. аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ ва доктори илмҳои химия, профессор Азизқулова О.А. (тариқи маҷозӣ) шунида, муҳокима карда, Шурои диссертатсионии 6D.КОА-010-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси овоздиҳии пинҳонӣ, хулоса дар бораи навоварӣ, аҳаммият, асолат, натиҷаҳои ноилгардида ва тавсияҳои кори диссертатсионии Ҷамолиддинов Фахриддин Ҷамолиддинович

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Ҷамолиддинов Фахриддин Ҷамолиддинович дар мавзуи «Таҳқиқи равандҳои комплексҳосилшавии рений(V) бо N-метил- ва N–этилтиомочевина» аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ (илмҳои химия) ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, пурра мувофиқат мекунад.

2. Маводи илмии ба нашр расонидаи Ҷамолиддинов Фахриддин мазмуни асосии кори диссертатсиониро инъикос менамояд.

3. Ба Ҷамолиддинов Фахриддин Ҷамолиддинович дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш ба амал оварда мешавад, ки қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-010-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро дастгирӣ намуда, Ҷамолиддинов Фахриддин Ҷамолиддинович-ро бо дипломи намунаи илмҳои химия сазовор гардонад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Бо ҳамин ҷаласаи шурои диссертатсионӣ пӯшида, эълон карда мешавад. Ба ҳама изҳори ташаккур менамоям.

Ҷонишини раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои химия, профессор — Раҷабзода С.И.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои химия, дотсент — Бекназарова Н. С.